ХУЛОСАИ

комиссияи коршиносони шурои диссертатсионии 6D.КОА-152 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Мазамӣ Гулбаҳор Мазам дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Мазамӣ Гулбаҳор Мазам дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ" ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: банди 3 – Антропологияи педагогӣ (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот), банди 4 – Назария ва консепсияи таълим (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар даврaҳои гуногуни ба воярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо) мувофиқат мекунад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Мазамӣ Гулбаҳор Мазам дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ" ба самтҳои зерини афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ мутобицат мекунад:

- рушди сармояи инсонӣ ва низоми маориф. Таҳқиқот мустақиман ба беҳтар кардани сифати таълим дар сатҳи олӣ нигаронида шудааст, ки бо ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мувофиқат мекунад. Таъкид ба шароитҳои педагогӣ (усулҳо, шаклҳои ташкилӣ, ангеза) ба беҳтар кардани мундариҷаи барномаҳои таълимӣ ва баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон нигаронида шудааст;
- рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон. Мавзуи таҳқиқот ба ҷустуҷӯи воситаҳои муассири педагогӣ, ки ба рушди тафаккури мантиқӣ, малакаҳои таҳқиқотӣ ва шавқи хонандагон мусоидат мекунанд, мусоидат мекунад.
- навсозии раванди таълим ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир. Дар диссертатсия масъалаҳои тафриқабандӣ дар соҳаи маориф, фаъолиятҳои лоиҳавӣ ва тадқиқотӣ баррасӣ шудаанд, ки бо ҳадафҳои

рақамикунонии бахши маориф ва татбиқи технологияҳои инноватсионии педагогӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои соҳавӣ зикр шудаанд, ҳамоҳанг мебошанд.

Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб, ки дар шакли 4 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо нашр гардидаанд, мукаммал инъикос ёфтаанд.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи 2026, №591 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

Эътимоднокии натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада бо методологияи донишҳои илмӣ, консепсияҳои ташхиси педагогӣ, бо такя ба як қатор методҳои назариявӣ ва эмперикӣ, натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, инчунин тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшуда таъмин карда шудаанд.

Натиҷаҳои илмӣ оид ба рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ дар равади таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии пойгоҳи таҳқиқот мавриди тасвибу татбиқ қарор дода шуда, натиҷаҳои мусбат додаанд ва самаранокии истифодаи онҳо собит карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотро, ки дар шакли хулосаву тавсия, усулҳо, тадбирҳои таъсиррасонӣ ва шаклҳои корҳои беруназдарсӣ ва роҳҳои баргузории онҳо таҳия ва ироа шудаанд, ба омӯзгорон имконият фароҳам меоваранд, то бо истифода аз онҳо рушди фаъолнокии маърифатии хонандагонро беҳтар намоянд, муносибати эҷодкории худро ҳангоми ҳалли ин мушкилот такомул диҳанд, ҳисси дарки хонандагонро устувор карда, онҳоро дар раванди таълим фаъол гардонида, сатҳи маърифатиашонро баланд бардоранд.

Талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсиниро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи коршиносони диссертатсияи Мазамӣ Гулбаҳор Мазам тавсия медиҳад, ки:

1) Диссертатсияи Мазамӣ Гулбаҳор Мазам дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ" барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

2) Ба сифати муқарризони расмӣ: Шарофзода Шавкат Аҳмад - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров ва Шехов Акбар Маҳмадиевич – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика, психология ва забонҳои хориҷии Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ба сифати муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таъйин карда шаванд.

3) Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Комиссияи коршиносони диссертатсияи Мазамӣ Гулбаҳор Мазам дар мавзуи “Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот баррасӣ намуда,

қ а р о р м е к у н а д:

1. Диссертатсияи Мазамӣ Гулбаҳор Мазам дар мавзуи “Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи коршиносон муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Шарофзода Шавкат Аҳмад – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров;

- Шехов Акбар Маҳмадиевич – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика, психология ва забонҳои хориҷии Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тавсия дода шавад.

4. Розигии хаттии муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар тибқи тартиби муқарраргардида гирифта шаванд.

5. Барои ҷойгир кардани эълони оид ба ҳимояи расмии диссертатсия дар сомонаҳои шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

6. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (то 50 адад) ва ирсол кардани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Каримова И.Х.

Аъзои комиссияи экспертӣ:

доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Шебоев С.

доктори илмҳои педагогӣ Давлатшоев И.

12.11.2026

“Имзои И.Х. Каримова, С. Шебоев ва И. Давлатшоевро тасдиқ мекунам”

ШЎЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Нозири кадр ва корғузорӣ
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон М. Саидова